# Омӯзиши илми риёзӣ

**Эълон гардидани солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ба омӯзгорону мутахассисони соҳаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ илҳоми тоза бахшид. Ин тадбир барои аҳли илму эҷод муҳимму сарнавиштсоз ба шумор меравад.**

Воқеан, рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиатшиносӣ дархурди талаботи замон аст. Ин иқдом мо ҷавононро водор менамояд, ки бештар таваҷҷуҳи худро нисбат ба рушди фанҳои дақиқ равона созем. Барои Тоҷикистон омӯхтани фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ масъалаи аввалиндараҷа ба шумор меравад. Имрӯз пешравиҳое, ки дар соҳаҳои илмҳои риёзӣ ва табиатшиносӣ дида мешавад, маҳз мероси гаронмояи гузаштагони мо, ба монанди Ал - Хоразмию Хайём ва Синои бузург ба шумор меравад. Ин аз мо тақозо мекунад, ки мероси гузаштагонамонро ҳифз намуда, барои омӯзиши он кӯшиш карда, сатҳу сифати дониш ва малакаи худро такмил диҳем.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба масъалаи рушди фанҳои дақиқ, омӯзиши онҳо дар муассисаҳои таълимии мамлакат диққати махсус зоҳир намуда, ба кормандони соҳаи маориф дастур доданд, ки масъулин **“назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд”**.

Барои дар сатҳи баланд тайёр намудани кадрҳои баланихтисос ва мустаҳкам намудани таҳкурсии заминавӣ моро лозим аст, пеш аз ҳама, мушкилиҳое, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дида мешавад, бартараф намоем. Яке аз мушкилоти аввалиндараҷа дар муассисаҳои таълимӣ ин нарасидани омӯзгорони баландихтисос мебошад. Имрӯз мо ҷавононро зарур аст, ки хуб омӯзем ва дар оянда омӯзгори соҳибтахассус ба воя расему самимона фаъолият намоем. Дар самти баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбияи насли наврас ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос саҳм гузорем.

**Шомирзозода Нусратбек,**
**донишҷӯйи курси 4,**
**факултети механика ва**
**математика**